# ТАҚРИЗИ

## роҳбари илмӣ ба унвонҷӯи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна соли 1984 ба факултети ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин дохил гардида, соли 1989 онро хатм намудааст. Унвонҷӯ Бобоҷонова С.Р. пас аз хатми университет солҳои тӯлонӣ дар Коллегияи адвокатҳои вилояти Суғд ба ҳайси ҳимоятгар (адвокат) фаъолият бурдааст.

Аз соли 2015 дар Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ҳамчун ҳуқуқшинос, ҳамзамон омӯзгори кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи донишгоҳ кор кардааст. Аз 30 декабри соли 2022 инҷониб мудири шуъбаи таъминоти ҳуқуқии донишгоҳи мазкур мебошад.

Дар муддати фаъолияти омӯзгориаш Бобоҷонова С.Р. дар самти таҳқиқи масоили вобаста ба ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ, умуман дар самти педагогика худро ҳамчун омӯзгори босалоҳият, масъулиятнок ва кордон нишон додааст.

Таваҷҷӯҳи илмии Бобоҷонова С.Р. дар раванди фаъолияти омӯзгорӣ дар донишгоҳ ташаккул ёфта, дар ин ҷода тасмим гирифтааст, ки роҳи касбии хешро дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ пайванд созад. Пажӯҳишҳои анҷомдодаи унвонҷӯ натиҷаи чандинсолаи таҷрибаи омӯзгории ӯ дар донишгоҳ буда, ин таҷрибаи бевоситаи амалӣ ба мавсуф дар таҳия ва иҷрои кори диссертатсионӣ имконоти васеъ ва маводи заруриро фароҳам овардааст.

Бобоҷонова С.Р. аз болои мавзуи тадқиқоти диссертатсиониаш кор карда, худро аз ҳар ҷиҳат ҳамчун як муҳаққиқи мустақил, ки кор бо сарчашмаҳои илмӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил, ҷамъбасти маълумот ва баровардани хулосаҳои асосноку муътамадро хеле хуб медонад, нишон додааст. Устуворӣ ва қобилияти худтанзимкунии раванди тадқиқот ба Бобоҷонова С.Р. дар анҷом додани тадқиқоти илмӣ, ки барои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда зимни таълими фанни “Ҳуқуқ” шароитҳои мусоиди педагогиро фароҳам месозад, ҳаматарафа мусоидат кардааст.

Бобоҷонова С.Р. ҳангоми кор аз болои рисолаи номзадӣ теъдоди зиёди маъхазҳои илмӣ-педагогӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифро, ки муаммои тадқиқот бевосита муносибат доранд, ҷамъоварӣ ва омӯхта, тавонистааст муносибати нав ба ҳалли муаммоҳои вобаста ба хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олиро ошкор созад.

Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ фарзияҳои назариявӣ ва муқарароти дар диссертатсия ироакардаи ӯро тасдиқ менамояд.

Муқарароти асосӣ, натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия тавсияшуда ва дар дигар нашрияҳои илмию методӣ инъикоси худро ёфта, дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ироа ва тасвиб шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионии Бобоҷонова С.Р. мантиқан аз муҳтавои асосии кори таҳқиқотии мавсуф бармеоянд. Автореферат мазмуни умумии диссертатсияро инъикос мекунад.

Ҳамчун роҳбари илмӣ итминони комил дорам, ки Бобоҷонова С.Р. ҳангоми кор аз болои пажӯҳиши рисолаи номзадиаш таҷрибаи илмии худро ғанӣ гардонидааст ва муҳимтар аз ҳама, сифатҳои шахсӣ, касбӣ ва тадқиқотӣ, ки дар ӯ зуҳур кардаанд, дар оянда ҳам дар фаъолияти илмӣ ва ҳам касбиаш таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

Дар маҷмуъ, Бобоҷонова Саломатро метавон ҳамчун як пажӯҳишгари ташаббускор баҳо дод, ки минбаъд масъалаҳои тадқиқотиро метавонад мустақилона ҳаллу фасл кунад ва сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ бошад.

Ба ақидаи ман рисолаи илмии Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи "Хусуиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ" кори илмии анҷомёфта буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи баланди илмӣ ба сомон расонида шудааст.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқ Бобоҷонова Саломатро метавон ҳамчун мутахассиси дорои салоҳиятҳои илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф кард, ки метавонад мустақилона аз ӯҳдаи иҷро ва ҳалли супоришҳои дар наздаш гузошташуда барояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновнаро мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро ба

муҳокима ва дифоъ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" Азизов А.А.

"Имзои А.А. Азизовро тасдиқ мекунам"
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Наврузов Э.М.